Тавзеҳнома
ба лоиҳаи Дастурамали №__дар бораи тартиби муайян ва эълон кардани қурби расмии асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ

Лоиҳаи Дастурамали №__дар бораи тартиби муайян ва эълон кардани қурби расмии асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ бо назардошти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» таҳия шуда, тартиби аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муайян, тасдиқ ва эълон кардани қурби расмии асъори хориҷиро нисбат ба пули миллӣ - сомонӣ муқаррар менамояд.

Заминаи меъёрии ҳуқуқии лоиҳаи санади мазкурро моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" ташкил медиҳад.

Лоиҳаи Дастурамали мазкур дар заминаи Дастурамали №228 "Дар бораи тартиби муайян ва эълон кардани қурби расмии пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ", ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29.09.2017, №130 тасдиқ гардида, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.11.2017, №909 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст дар таҳрири нав таҳия гардидааст.

Имрӯз сиёсати қурбии пешгирифтаи Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи "Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат" шинокунандаи танзимшаванда бе муайян ва эълон намудани ҳудудҳои тағйирёбии қурб мебошад.

Бояд қайд намуд, ки аз моҳи феврали соли 2024 Барномаи ҳамоҳангсози фишангҳои сиёсати Хазинаи байналмилалии асъор барои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст.

Дар асоси талаботи банди 17 Изҳорот оид ба Барномаи ҳамоҳангсози фишангҳои сиёсати Хазинаи байналмилалии асъор Бонки миллии Тоҷикистон бояд сиёсати асъориро бо мақсади рафъи маҳдудиятҳои мавҷудаи асъорӣ ва гузаштан ба тағйирпазирии бештари қурби асъор пеш бурда, якчанд ислоҳотро дар ин самт амалӣ намояд.

Яке аз ислоҳоти пешбинишуда ин ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №228 "Дар бораи тартиби муайян ва эълон кардани қурби расмии пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ" мебошад.

Тибқи он ҳангоми анҷом додани тасҳеҳи қурбӣ (+1,5 фоиз) Бонки миллии Тоҷикистон бояд оид ба сабабу омилҳои чунин тасҳеҳ маълумоти

асосноккунандаро тибқи пайнавиштҳои ҷаласаи гурӯҳи кории қурб ба маълумоти омма расонад.

Ҳамзамон, Дастурамаи мазкур бояд ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" мутобиқ карда шавад. Чунки мутобиқи қисми 4 моддаи 4 Қонуни мазкур Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми давлатии танзими асъор қурби расмии асъори хориҷиро нисбат ба пули миллӣ муайян менамояд, аммо мутобиқи Дастурамал Бонки миллии Тоҷикистон қурби расмии пули миллӣ - сомониро нисбат ба асъори хориҷӣ ҳисоб менамояд, ки талаботи Дастурамал ба талаботи Қонун мухолифат менамояд.

Дар баробраи ин, дар лоиҳаи тағйиру иловаҳои навбатӣ ба Дастурамал таҷрибаи дигар давлатҳо, аз қабили Федератсияи Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Узбекистон омӯхта шуда, масъалаҳои муҳиме, ки дар Дастурамали мавҷуд набуданд, ворид карда мешаванд.

Қабул гардидани тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №228 "Дар бораи тартиби муайян ва эълон кардани қурби расмии пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ" мутобиқнамоии муқаррароти онро ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" ва иҷроиши талаботи Барномаи ҳамоҳангсози фишангҳои сиёсати Хазинаи байналмилалии асъор дар бар гирифта, чораҳои зеринро пешбинӣ менамояд:

- такмили раванди муйян намудани қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллӣ;

- иҷроиши талаботи Барномаи ҳамоҳангсози фишангҳои сиёсати Хазинаи байналмилалии асъор;

- риояи муқаррароти қонунгузории соҳа;

- раванди муқаррар намудани қурби асъор дар рӯзҳои истироҳат ва рӯзҳои иди ғайрикорӣ ва ғ.

Ҳамзамон, боиси қайд аст, ки бинобар аз нисф зиёд шудани тағйиру иловаҳои воридшаванда лоиҳаи Дастурамал дар таҳрири нав таҳия карда шуда, он бо назардошти таклифу пешниҳодҳои воҳидҳои сохтории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон такмил ва дар он меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар самти сиёсати қурби асъор ба инобат гирифта шудааст.

Мутобиқи Тартиби гузаронидани арзёбии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои

онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №355 тасдиқ шудааст, лоиҳаи Дастурамали №__дар бораи тартиби муайян ва эълон кардани қурби расмии асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ барои гузаштан аз арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ ба воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардида буд. Аз рӯи хулосаҳои аз ҷониби воҳидҳои сохтории

Дахлдор пешниҳодгардида дар лоиҳаи Дастурамали мазкур омилҳои бавуҷудоварандаи хусусияти коррупсионидошта мушоҳида карда нашуд.

Раис Толибзода Ф.Н.